**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

«Тасдиқ мекунам»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷистон

__________ С. Наҷмиддинов

«24» августи соли 2012

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маорифи
Ҷумҳурии Тоҷистон

__________ Н. Саидов

«___» __________ соли 2012

**Дастури методӣ**

оид ба ҷорӣ намудани шакли электронии тарификатсияи музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» ва бо мақсади таҳкими назорати молиявӣ, кам намудани хавфи роҳдодан ба хатогиҳо ва модернизатсияи таҳияи Тарификатсияи музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тасдиқ шудааст бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 22/7 аз 28.11.2011) бояд шакли электронии Тарификатсияро пур намуда барои тасдиқ намудан дар боркаши электронӣ (электронный носитель) ва шакли қоғазӣ бо имзои ҳамаи шахсони муттасадии мактаб, ба шӯъбаи маорифи шаҳр, ноҳия пешниҳод намоянд.

Баъд аз тасдиқ шудани Тарификатсия, файли зерин аз боркаши электронӣ дар Шӯъбаи маорифи шаҳр, ноҳия сабт карда нигоҳ дошта мешавад ва нусхаи он ба Шӯъбаи буҷети Раесати молия пешниҳод карда мешавад.

Шакли қоғазии тасдиқгардида низ бо имзоҳои ҳамаи шахсони муттасадии Шӯъбаи маорифи шахр, ноҳия ба мактабҳо ва ба Шӯъбаи буҷети Раесати молия пешниҳод карда мешавад.

Тафтиши файли зерин дар бораи дуруст пур кардани маълумот оид ба вазифаҳо, маълумот, дараҷаи тахассусӣ аз тарафи роҳбари шӯъбаи кадр амалӣ мегардад ва миқдори сарбории таълимӣ, ставка ва дурустии ҳамаи ҳисобиҳои амалигашта аз тарафи роҳбари шӯъбаи иқтисоди (сариқтисодчии) Шӯъбаи маорифи шахр (ноҳия) амалӣ мегардад.

Шакли электронии Тарификатсия, дар асоси Шакли ягонаи Тарификатсияи музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасдиқ гардидааст, тартиб дода шудааст.

Шакли электронии Тарификатсия барои истифодабарии ҳамаи мактабҳои таҳсилотӣ дар сайти Вазоратҳои молия ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забонҳои давлатӣ ва русӣ ҷойгир мешаванд. Таҷдиди шакли электронӣ дар ҳолати ҷой доштани дигаргуниҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ аз ҷониби Вазорати маориф амалӣ мегардад.

Замима:

1. Шакли электронии Тарификатсия бо забони давлатӣ ва русӣ.
2. Дастурамал оиди пур кардани шакли электронӣ.